«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, д.и.и., профессор
__________ Хушвахтзода Қ. Х.
«22» октябри 2022 с.

# ХУЛОСАИ
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи “Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дар кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар марҳалаи омода намудани диссертатсия Исматуллои Сунъатулло ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намуд.

Исматуллои Сунъатулло соли 2016 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси сиёсатшиносӣ хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ аз санаи 12-уми октябри соли 2022, таҳти №123 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ - доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Зокиров Г.Н., ба ҳайси профессори кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи ДМТ фаъолият менамояд.

**Вобаста ба натиҷаҳои муҳокимаи рисола хулосаҳои зерин қабул гардиданд:**

Кори диссертатсионии Исматуллои Сунатулло дар мавзуи “Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)” ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пурра мувофиқ аст.

Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии кишварҳои анъанавии Шарқ ва дар ин радиф авҷ гирифтани баҳсҳо доир ба дурнамои низоми давлатдории онҳо яке аз масъалаҳои мубрами мактабҳои илмии Афғонистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Россия, ИМА, ва дигар кишварҳои алоқаманди масъалаи танзими вазъият дар минтақа ба ҳисоб

меравад. Дар миёни донишмандон ва коршиносони соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, таърих ва илмҳои дигари ҷомеашиносӣ дар бораи паҳлуҳои гуногуни муносибатҳои миллӣ, заминаҳо ва омилҳои ташаккули андешаҳои ҷудоихоҳии этникӣ андешаи ягона ҷой надорад.

Назария ва амалияи муносибатҳои қавмӣ – қабилавии ҷомеаи анъанавӣ таърих ва таҷрибаи тулонӣ доранд. Дар мактаби илми муосири Ғарб назарияи гуногуни муносибатҳои миллӣ ҷой доранд. Аксари онҳо ба таълимоти федерализм алоқамананданд.

Намояндагони гурӯҳҳои сиёсӣ ва илмии Афғонистон – мухолифини андешаи федералишавии кишвар чунин ақида доранд, ки дар дунё беш аз дусад давлат арзи вуҷуд дорад, аммо танҳо беш аз бисттои он низоми федералиро пайгирӣ мекунанду халос. Яъне барои аксари давлатҳо мавзуи федерализм он қадар ҷаззобият, муҳимият ва аҳамияте надорад. Аммо ба ақидаи ҷонибдорони назария ва амалияи сохти давлатдории федеративӣ сухан сари матлаби шумораи пайравони ин назария ва амалия намеравад. Матлаб сари муайян намудани таъсири давлатҳои федеративӣ ба сиёсати ҷаҳонӣ меравад. Беш аз ду миллиард аҳолии сайёраро давлатҳои федеративӣ, ташкил дода, дар сиёсат, иқтисодиёт, технологияҳои муоссир, фарҳанг ва дигар соҳаҳои ҳаёт пешсафанд. Ба андешаи онҳо бартариҳои зикргардида омили норасоии шумораи ҷонибдорони низоми федеративиро мепушонад. Аз ҷониби дигар таҷрибаи андухтаи давлатҳои федеративӣ барои он кишварҳое, ки эҷоди ҷомеаи демократиро дар шароити гуногунқавмӣ, фарқиятҳои амиқи этникӣ, миллӣ, динӣ, минтақавӣ амалӣ менамоянд, хеле арзишманданд.

Омӯзиши назария ва амалияи муносибатҳои миллӣ ва дар ҳошияи он баҳси низоми давлатдорӣ барои Афғонистон, ки дар шароити бесуботӣ қарор дорад, аз аҳамият холӣ нест. Ҷустуҷӯи роҳҳои танзими одилона ва демократии масъалаи миллӣ дар Афғонистон яке аз муҳимтарин ҳадафҳои роҳбарияти давлат, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ** дар дарёфти натиҷаҳо дар рисола нишон дода шудаанд. Диссертатсияи номзадии Исматуллои Сунъатулло таҳқиқоти мустақилона, ба таври эҷодкорона ба итмомрасидаи пажӯҳиши илмие мебошад, ки аҳамияти назариявӣ ва амалиро доро буда, бо хусусиятҳои рӯзмаррагӣ ва навгониҳо фарқ менамояд.

**Мақсади асосии диссертатсияро** таҳлилу баррасӣ ва омӯзишу пажӯҳиши таҳлилу натиҷагирии хусусиятҳо, ҷараёни инкишоф ва таъсири

омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии кишварҳои анъанавии Шарқ дар мисоли Афғонистон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар раванди таҳқиқот усулҳои мушаххаси илмӣ - таҳлили системавӣ, муқоисавӣ, рафторӣ, институтсионалӣ, таърихӣ, навъбандӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Таҳлили системавӣ имкон дод, ки муносибатҳои этникӣ – миллӣ дар пайвандии ногусастанӣ бо муносибатҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии ҷомеа баррасӣ гарданд. Чунки дар кишварҳои анъанавӣ ва гуногунмиллати Шарқ масъалаҳои этникӣ – миллӣ ҳамчун унсури системавии ҷомеа ба шумор мераванд. Таҳлили муқоисавӣ барои омӯхтани сиёсати этникӣ- миллии кишварҳои Шарқ дар маҷмӯъ ва Афғонистон дар давраҳои мушаххаси рушди он истифода гардидааст. 1 Принсипи рафторӣ бошад барои таҳлили таъсири омилҳои этникӣ- миллӣ ба фаъолияти роҳбарони давлатӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои қавмӣ ва қабилавии муайян ба кор бурда шудааст. 2. Таҳлили институтсионалӣ имкон дод, ки моҳияти сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои этникӣ – миллӣ, таъсиси сохторҳои марбута ва қабули санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ ҷиҳати танзими ин муносибатҳо таҳқиқ карда шавад.

Навъбандӣ ҳамчун усули илмию таҳқиқотӣ барои муайян намудани ҷанбаҳои равонии қавму қабилаҳои гуногун, сатҳ ва моҳияти дарки сиёсати миллии давлат аз ҷониби онҳо хизмат намуд.

Дар маҷмӯъ, усулҳои илмии истифодашуда имкон доданд, ки масъалаҳои этникӣ – миллӣ дар Афғонистон, омилҳои таъсиррасонии муносибатҳои миллӣ ба сиёсати давлат нишон дода шаванд. Махсусан, муайян намудани роҳу воситаҳои танзими муносибатҳои мураккаби қавмӣ – қабилавӣ дар мисоли кишварҳои гуногунмиллат бо истифода аз иқтидори методологии усулҳои номбаршуда амалӣ карда шудаанд.

**Навовариҳои назариявии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки масъалаи таъсири омилҳои этникӣ ба равандҳои иҷтимоӣ-сиёсии кишварҳои анъанавии Шарқ: дар мисоли Афғонистон бори аввал дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба таври маҷмӯӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бандҳои алоҳидаи навоварии илмии таҳқиқот дар ҳолатҳои зерин ифода меёбанд:

- таҷрибаи ҷаҳонии демократияи федералӣ мавриди таҳлилилу баррасӣ қарор дода шуд, дарку фаҳмиши андешаи федерализм дар воқеияти Афғонистон қиёс карда шуд;

- воқеияти қавмӣ дар Афғонистон ҳамчун кишвари анъанавии Шарқ омӯхта шуд, ва таъсири омили қавмӣ ба низоми сиёсии кишвар таъсири он ба низоми сиёсии кишвар таҳқиқ карда шуд;

- андешаи федерализатсия намудани Афғонистон таҳлил гардида, мавқеи манфиатҳои миллии кишварҳои минтақа дар татбиқи ин андеша мавриди баррасӣ қарор дода шуд;

- раванди ташаккул ва рушди вазъи таърихӣ – этникии Афғонистон таҳқиқ гардид;

- нақши ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар раванди танзими масъалаҳои миллӣ – этникӣ дар Афғонистон мавриди омузиш қарор дода шуд;

- моҳияти қавмии ҳаракатҳои иҷтимоӣ - сиёсии муосири Афғонистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд, таҳқиқи масъалаи мазкур дар мисоли ҷунбиши «Толибон» таҳқиқ гардид;

- нақши тоҷикон дар равандҳои этникии Афғонистон омӯхта ва таҳқиқ карда шуд;

- дурнамои ҳукмронии паштунҳо дар Афғонистон бо дарназардошти ба вуҷуд омадани вазъияти нави миллӣ - этникӣ таҳлил ва баррасӣ карда шуд;

- таҳаввули мақоми узбекон дар ҳаёти сиёсӣ - иҷтимоии Афғонистон таҳқиқ карда шуд, нақши ҳазораҳо дар равандҳои муосири этникии кишвар баррасӣ гардид.

**Аҳамияти назариявию амалии диссертатсия.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо муҳимияти илмӣ ва амалии сиёсии он, ҳамчунин бо талаботи баланд ба натиҷагирии таҳлилӣ ва тавсияҳо ҷиҳати тарҳрезӣ ва пешбурди сиёсати муассиртари дохилӣ ба хотири таҳия ва татбиқи як низоми ҷавобгӯи манфиатҳои тамоми қавму қабилаҳои Афғонистон муайян карда мешавад. Натиҷагириҳо ва хулосаҳои он метавонанд дар фаъолияти сохторҳои давлатӣ – Раёсати Ҷумҳурӣ, Ҳукумат, вазорату ниҳодҳои дигар дар амри таҳияи сиёсати дохилӣ баҳри таъмини мусолиҳа ва ваҳдати миллӣ, таъмини сулҳу суботи ҷомеа мавриди истифода қарор бигирад.

Ба андешаи мо таҳлили муносибатҳои қавмӣ- қабилавӣ ва этникӣ-миллии Афғонистон, низоми давлатдорӣ ва таъсири он ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, динӣ ва фарҳангии ҷомеаи афғонӣ ҷанбаи маҷмӯӣ дорад. Муаллиф эътироф мекунад, ки ҳеҷ як рисола наметавонад тамоми маҷмӯи масъалаҳои таҳқиқшавандаро фаро гирад. Бинобар ин, муаллиф дар таҳқиқоти худ бо таҳлили масъалаҳои муҳиму умдаи масъалаи миллии Афғонистон маҳдуд мешавад.

Дар зимни ин метавон маводҳои рисоларо дар таълими фанҳои “Сиёсатшиносӣ”, “Моҷарошиносӣ”, “Манфиатҳои миллии Тоҷикистон”, “Равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ”, “Геополитика” ба сифтаи таълими курси махсус, хосатан курсҳои Минтақашиносӣ ва дар омӯзиши мавзуҳои рӯзмарраи масъалаҳои миллӣ ҳамчунин дар марказҳои таҳқиқотию оянданигарӣ ва полемологӣ истифода намуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмии олимон ва муаллифон, ки дар шакли монографияҳо, дастурҳои таълимӣ, мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи байналмилалӣ, инчунин асарҳо ва Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махзанҳои электронии интернетӣ, сомонаҳои расмии вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ ташкил менамоянд.

Корҳои нашршуда ва автореферат мазмуни асосии рисоларо инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М] И. Сунъатулло. Ҳукумати ваҳдати миллии Афғонистон (2014-2019): Мушкилоти таҳияи стратегияи сиёсати хориҷӣ ва роҳҳои татбиқи он [Матн] / И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №10. – С. 324-328.

[2-М] И. Сунъатулло. Асосҳои консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии исломии Афғонистон дар марҳилаи кунунӣ [Матн] / И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №10. – С. 67 - 71.

[3-М] Нуриддинов Р.Ш., И. Сунъатулло. Проблемаи коркарди консепсияи ҳамоҳанггардонии муносибатҳои этномиллӣ дар Афғонистон [Матн] / Нуриддинов Р.Ш., И. Сунъатулло // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020, №9. – С. 116 - 120.

[4–М]. Исматуллои Сунъатулло. Дар мавриди федераликунонии Афғонистон аз мавқеи кишваршои манфиатдор. //Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалии «Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон». (12-уми майи соли 2021). -Душанбе, 2021. –С.152-164.

[5–М]. Исматуллои С. Вазъияти миллию этникии Афғонистон ва таъсири он ба низоми сиёсии кишвар. //Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши маориф дар мубориза бо

ифротгароии сиёсӣ ва терроризм» (22 феврали соли 2022). - Душанбе, 2022. –С. 344-360.

Диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар мавзуи “Таъсири омилҳои миллию этникӣ ба равандҳои сиёсии Шарқи анъанавӣ (таҷрибаи Афғонистон)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст, кори илмии анҷомёфтаи бунёдӣ буда, тамоми хусусиятҳои кори диссертатсиониро дар худ ифода менамояд.

Кори диссертатсионии мазкур ба экспертизаи даври дуюми муассиса пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар бораи диссертатсияи Исматуллои Сунъатулло дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Дар маҷлис 15 нафар иштирок намуданд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар., «муқобил» - нест, «бетараф» - нест, протоколи №3, аз 22 октябри соли 2022.

Мудири кафедраи сиёсатшиносии
факултети фалсафаи ДМТ
н. и. с., дотсент М.М. Абдулҳақов

Котиби маҷлиси кафедра У. Исаев.

Имзои М.М. Абдулҳақов
ва У. Исаевро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо
ва қисми махсуси ДМТ Э.Ш. Тавқиев

«22» октябри соли 2022.